# ВАЗОРАТИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Ф А Р М О И Ш

аз «3» 09 соли 2021 №151 ш. Душанбе

**Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба фармоиши вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 2009, №10**

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва банди 8 Низомномаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2011, №250 тасдиқ гардидааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба Қоидаҳои ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ бо нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоиши вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 2009, №10 «Дар бораи Қоидаҳои ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ бо нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 июли соли 2009, №255 «г» ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1) ба банди 1 сархатҳои сеюм, чорум, панҷум ва шашум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

« - корти нақлиётӣ - чиптаи электроние, ки тавассути он бо таври ғайринақдӣ роҳкиро пардохт карда мешавад;

- варақаи пардохтнома - варақаи махсусе мебошад, ки аз ҷониби Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, дорои силсила, рақам ва дараҷаи муҳофиза мебошад;

- таҷҳизоти махсуси назоратӣ -таҷҳизоти махсуси муайянкунандаи пардохти роҳкиро, ки тавассути кортҳо анҷом дода шуданд;

- феҳрист –маҷмӯи маълумот оид ба хароҷоти варақаи пардохтнома ва ҷаримаҳои ситонидашуда;»;

...ҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТ... МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 255 «к»
29. 09 с.2021

2) ба банди 107 сархати сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- дар автобусҳои бо таҷҳизоти махсуси қабулкунандаи пардохти электронӣ муҷаҳҳазгардонидашуда, ки ду ё зиёда дар доранд, саворшавӣ ба воситаи дари пеш ва фуромадан ба воситаи дарҳои мобайн ва қафо сурат мегирад;»;

3) ба банди 118 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Мусофир метавонад аз имтиёзҳо барои пардохти ҳаққи роҳкиро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида истифода карда, дар ҳолати поймол гардидани ҳуқуқҳояш ба мақоми ваколатдор шикоят намояд.»;

4) дар банди 124 пас аз калимаи «терминал» аломат ва калимаҳои «, ё тавассути корти нақлиётӣ дар нақлиёте, ки бо таҷҳизоти махсуси қабулкунандаи пардохти электронӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст» илова карда шаванд;

5) боби $XVI^{2}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

## «БОБИ $XVI^{2}$ ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИИ КОРМАНДОНИ ХАДАМОТИ ДАВЛАТИИ НАЗОРАТ ВА ТАНЗИМ ДАР СОҲАИ НАҚЛИЁТ ВОБАСТА БА НАЗОРАТИ ПАРДОХТИ РОҲКИРО

221)$^{6}$. Кормандони Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт вобаста ба назорати пардохти роҳкиро ҳуқуқ доранд:

- ба дохили воситаи нақлиёти мусофирбар ворид гардида, пас аз муаррифии худ аз мусофирон тасдиқи пардохти роҳкироро талаб намоянд;

- ҳангоми ошкор намудани ҳолати аз тарафи мусофир пардохт нагардидани ҳаққи роҳкиро, ё бо худ бурдани кӯдаки аз 5-сола боло бе пардохти роҳкиро, ё аз меъёр зиёд интиқол додани бору бағоҷ нисбати мусофир тибқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои ҷавобгарии маъмуриро татбиқ намоянд;

- дар мавриди саркашӣ намудани мусофир аз пардохти ҷарима санади дахлдор тартиб дода, барои чораандешии минбаъда ба мақомотҳои дахлдор пешниҳод намоянд;

- дар ҳолати истифода шудани кортҳои ғайриқонунӣ ё ба дигар шахс тааллуқ доштани кортҳои иҷтимоӣ ё имтиёзнок, ҳангоми аз тарафи мусофир пешниҳод нашудани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият корти иҷтимоӣ ё имтиёзнокро дар асоси санад аз дасти мусофир гиранд ва пас аз муайян намудани соҳиби корт ва татбиқи ҷазои маъмурӣ ба ӯ баргардонанд;

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 255 «к»
«29» 09 соли 21

- барои муайян намудани пардохти ҳаққи роҳкиро, ки тавассути кортҳо пардохт шуданд, аз таҷҳизотҳои махсуси назоратӣ истифода баранд;

- дар ҳолати ба вуҷуд омадани баҳсҳо ва нофаҳмиҳо бо мақсади исбот намудани ҳолати кор аз сабти видеоии дохили салони нақлиёти мусофирбар истифода намоянд ва ба комиссияи байниидоравии машваратӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ барои баррасӣ пешниҳод намоянд;

- дар истгоҳҳои нақлиётӣ вориди воситаи нақлиёти мусофирбар шуда, санҷишро ҳангоми ҳаракати воситаи нақлиёти мусофирбар идома диҳад;

- нисбати ронанда ва мусофир санади дахлдор, протоколҳо ва дигар чораҳои лозимаро татбиқ намоянд;

- ҳамарӯза маблағҳои ҷаримаҳоро ба Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» супорида, феҳристи варақаҳои пардохтнома ва ҷаримаҳои ситонидашударо тартиб дода, ба сардори шуъба ҳисобот пешниҳод намояд;

- нисбати ронандагоне, ки барои бе корт саворшавии мусофир ба нақлиёти мусофирбар монеагӣ намекунад ва ё аз мусофир ба таври нақдӣ маблағи роҳикро мегирад, санад тартиб дода, барои чораҷӯи ба корхонаҳои нақлиётӣ пешниҳод намоянд;

- саворкунӣ ва фаровардани мусофиронро танҳо дар истгоҳҳои муҷаҳҳазгардида ва терминалҳои мусофирбарӣ назорат баранд;

- нисбати роҳбарияти корхонаҳое, ки ронандагони онҳо ба таври мунтазам бе пардохти ҳаққи роҳкиро мусофиронро ба ворид шудан ба дохили салон иҷозат медиҳанд ва бемасъулияти зоҳир менамоянд, чораҷӯи намоянд.

221)[7]. Кормандони Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт уҳдадоранд:

- нархнома ва тарифҳои роҳкироро барои воситаҳои нақлиёти гуногун ва категорияи шахсоне, ки ҳуқуқи имтиёзро доранд, донанд;

- муқаррароти Қоидаҳоро дар соҳаи нақлиёт донад ва ҳангоми зарурат мухтавои онро ба мусофирон шарҳ диҳанд;

- дуруст пур намудани варақаи пардохтнома ва санаду протоколҳоро таъмин намоянд.»;

6) банди 224 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«224) Барои риоя накардани Қоидаҳои мазкур шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.».

ВАЗОРАТИ А... ҶУМҲУРИИ ТО...ИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛ...
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 255 «к»
«29» 09 с.20 21

2. Раёсати нақлиёти рӯизаминӣ ва бахши ҳуқуқи Вазорат фармоиши мазкурро тибқи тартиби муқарраргардида барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир - сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

Вазир Азим Иброҳим

ВАЗОРАТИ А... И
...УМҲУРИИ ТОҶ...ИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛА...
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 255 «ҳ»
«29» 09 с. 21